«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
________________
«13» ____________ 2023

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи **«Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ соли 2014 факултети шарқшиносӣ (ҳоло факултети забонҳои Осиё ва Аврупо)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “шарқшинос-филолог” хатм кардааст. Соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2021 хатм намудааст. Аз соли 2016 то соли 2022 ба ҳайси ассистенти кафедра ва аз соли 2022 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи мутолиоти шарқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Роҳбари илмии Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Сулаймонов Сайидраҳмон** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2018, бо қарори №11 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Маҳмудзода Мунираи

Қаноатшоҳ 8-уми ноябри соли 2023, №146 дар мавриди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ маълумотнома додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои илму ҳунар ва муайян кардани мавқеи онҳо дар ин илм ба шумор меравад. Чунонки пайдост, истилоҳоти илмӣ аз омилҳои муҳимми инкишофу пешрафти забони адабӣ буда, баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо барои ҳаллуфасли мавзуъҳои ҳалталаби илми лексикография, лексикология ва амсоли инҳо дорои аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Аз ҷумлаи истилоҳот ва вожаҳои муҳимми адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик вожаву истилоҳоти ахлоқии мероси гузаштагон ба шумор меравад. Истилоҳоти ахлоқӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз ҳисоби вожаҳои қадимаи забон ва калимаҳои иқтибосӣ пайдо ва ташаккул ёфта, бисёрқабату гуногунмавзуъ ва аз нигоҳи шакли грамматикӣ, семантика, муносибати забонӣ ва омилҳои зуҳурёбӣ хеле ҷолиб мебошанд.

Баҳри амалӣ сохтани ҳадафҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ вожа ва истилоҳоти ахлоқии осори яке аз поягузорони ахлоқ дар забони форсӣ-тоҷикӣ Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор гирифтааст. Масъала сари ин аст, ки таҳқиқи осори ахлоқии ниёгон натанҳо барои муайян кардани тавоноии забони тоҷикӣ дар баёни вожа ва истилоҳоти ахлоқӣ кумак менамояд, балки дар муқобили падидаи номарғуби раванди ҷаҳонишавӣ ва хатари маънавӣ ба ҷомеа ва, дар маҷмуъ, ба илми филология ва ҷомеашиносӣ мусоидат менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мақсади таҳқиқ** омӯзиш ва баррасии вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи он бо истилоҳоти ахлоқии рисолаи “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино ва муайян намудани хусусиятҳои

забонии истилоҳоти ин бахш дар забони адабии тоҷикӣ, гурӯҳҳои семантикӣ ва сохтори грамматикии онҳо, ҳамчунин, нишон додани меъёрҳои муайян ва қонуну қоидаҳои ташаккули вожаву истилоҳоти ахлоқӣ мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

- ҷамъоварӣ ва баррасии манбаъҳои ташаккул ва инкишофи таърихии вожа ва истилоҳоти ахлоқӣ дар забони тоҷикӣ;
- муайян ва муқаррар намудани нақши осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар пайдоиши вожаю истилоҳоти ахлоқӣ;
- муайян намудани мавқеи вожаю истилоҳоти форсӣ-тоҷикии ахлоқӣ дар осори мавриди таҳқиқ ва ба риштаи таҳқиқ баркашидани мафҳуми иқтибос, вожаю истилоҳоти иқтибосӣ ва вижагиҳои он;
- гурӯҳбандӣ ва таснифоти луғавӣ-мавзуи (соҳавӣ)-и вожаву истилоҳоти ахлоқӣ;
- муайян намудани усулу шеваҳои асосии вожасозӣ ва истилоҳсозии осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқаррар намудани хусусиятҳои хоси истилоҳоти ахлоқии осори мавриди таҳқиқ;
- муқоиса намудани вижагиҳои мафҳумии истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино ва айнияту фарқияти онҳо;
- шарҳу тавзеҳи маънои мафҳумии баъзе истилоҳоти ахлоқӣ аз назари мутафаккирон;
- таҳлили омории вожаю истилоҳоти ахлоқии осори мавриди таҳқиқ ва таносуби лексикаи аслии тоҷикӣ ва арабӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаи таҳқиқ** асарҳои «Футувватномаи султонӣ» (аз рӯйи чопи «Футувватномаи султонӣ». Нашри мукаммалгардида. – Душанбе: Дониш, 2010), «Ахлоқи муҳсинӣ» (аз рӯйи чопи «Ахлоқи муҳсинӣ» (шарҳу тафсир ва бозгардони Маҳмудзода М.Қ.). – Душанбе: Ирфон, 2023)-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Андар Ахлоқ»-и Ибни Сино (аз рӯйи чопи «Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб» Ҷ. II. – Душанбе: Дониш, 1980) истифода шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар чараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмию назариявии олимони забоншиноси шинохтаи ватанию хориҷӣ истифода намудааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои бунёдии забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ дар асрҳои миёна, ба мисли Ал-Форобӣ, Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ ва дар замони муосир аз ҷумлаи олимони хориҷӣ, чун Гринёв, Ж. Вандриес, Киттрич, А.Д. Хаютин, В.В. Виноградов, Г.О. Винокур, Б.Н. Головин, Н.П. Кузмин, Д.С. Лотте ва дигарон, инчунин, дар доираи забоншиносии тоҷик М.Н. Қосимова, Т. Бердиева, М. Шукуров, С. Сулаймонов, С.Ҳ. Баротзода, Д. Хоҷаев, Ҳ. Маҷидов, С. Назарзода, А. Байзоев ва олимони дигар ташкил додааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори нахуст масъалаи вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ба вижа махсусиятҳои истилоҳоти ахлоқӣ ба миён гузошта шуда, заминаҳои ташаккули ин навъ истилоҳоти забони тоҷикӣ ва шеваву қолабҳои асосии истилоҳсозиву истифодаи истилоҳот дар мисоли осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Навгонии илмии рисола боз дар ин аст, ки аввалин бор дар он муқоисаи мафҳумии истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти ахлоқии рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино сурат гирифта, тафовут ва шабоҳати корбасти ин гурӯҳи истилоҳот аз ҷониби муҳаққиқ муайян гардидааст.

Диссертатсияи номзадии Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариявӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки тавсияҳои амалии диссертатсияро метавон барои таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, решашиносӣ ва чандзабонаи тоҷикӣ, китобҳои дарсии макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ, ҳамчунин, тартиб додани луғатномаи вожаю истилоҳоти ахлоқӣ истифода кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Маҳмудзода Мунира дар 6 мақолаи муаллиф, ки аз миёни онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаи маърузаю гузоришҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, матни пурраи «Ахлоқи Муҳсинӣ» бо шарҳу тафсир бозгардон ва таҳия гардидааст.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Маҳмудзода, М.Қ. “Футувватномаи султонӣ” ва арзиши илмӣ-ахлоқии он. [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – №4. – С. 164-169.

[2-М] Маҳмудзода, М.Қ. Усули синтаксисӣ-морфологии истилоҳсозии вожаҳои ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / М. Қ. Маҳмудзода. // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №3 (015). – С. 270-276.

[3-М] Маҳмудзода, М.Қ. Сохтори морфологии истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ. [Матн] / М. Қ. Маҳмудзода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2021. – №6. – С. 94-99.

[4-М] Маҳмудзода, М.Қ. Истилоҳоти ахлоқии форсиасли осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода. // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2022. – №2 (018). – С. 290-296.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М] Маҳмудзода, М.Қ. “Вожаю истилоҳоти ахлоқии арабӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ” [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода // Масоили мубрами арабшиносӣ (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Филологияи араб ва замони муосир», бахшида ба 75-солагии доктори илми филология, профессор С. Сулаймонов, 28-уми октябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 83-87.

[6-М] Маҳмудзода, М.Қ. “Таъсирпазирии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар корбурди баъзе аз истилоҳот аз Ибни Сино” [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи таҳқиқот дар соҳаи забоншиносӣ» (20-уми майи соли 2022). – Душанбе: Маориф, 2022. – С. 101-104.

Мавзуи таҳқиқшаванда ба самти таҳқиқи илмии кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дошта, барои равшан гардидани вазъи забони адабии классикии тоҷик, махсусан, сохти вожаву истилоҳоти ахлоқии он дар асрҳои миёна мусоидат менамояд. **Натиҷаҳои таҳқиқи** мавзуъ метавонад ба сифати манбаи омӯзиши таърихи забон ва қонуниятҳои инкишофи вожа ва истилоҳоти ахлоқии забони адабии тоҷикӣ хизмат намояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назариявии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назариявию амалии мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи осори таҳқиқшавандаро дар заминаи усулҳои муосири забоншиносӣ баррасӣ намудааст.

Кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи унвонҷӯ Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳро дар мавзуи «**Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори**

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори №6 аз 20.11.2023.

Мудири кафедраи таърихи
забон ва типология, номзади
илми филология, дотсент Камолзода Х.М.

Котиби илмӣ, номзади
илми филология Ҷобиров А.Б.

Имзоҳои Х.М. Камолзода ва
А.Б. Ҷобировро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj